*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014*

*назди Донишгоҳи давлатии молия ва*

*иқтисоди Тоҷикистон*

*(ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимова, 64/14)*

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов Зубайдулло ба кори диссертатсионии Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гардидааст, ки он тибқи Шиносномаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳия гардида, ба бандҳои 2.1. «Рушди унсурҳои молияи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ»; 2.7. «Асосҳои консептуалии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва танзими буҷетӣ»; 2.15. «Равишҳои консептуалии ташаккули муносибатҳои байнибуҷетӣ»; 2.17. «Механизмҳои тақсимкунии воситаҳои буҷетӣ» ва 2.28. «Методология ва ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини худмаблағгузории маҳаллӣ» мувофиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқотҳои дар диссертатсия иҷрокардаи диссертант ба талаботи чунин санадҳои барномавии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030, Тавзеҳот оид ба самтҳои асосии сиёсати буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ва Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷавобгӯ мебошанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва густариши муносибатҳои бозоргонӣ, ҳар як давлат ба зарурати такмили низоми молиявию буҷетии худ рӯ ба рӯ мегардад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқтисодиёти он дар марҳилаи босуръати рушд ва

ҳамзамон ислоҳоти сохторӣ қарор дорад, масъалаи мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ аҳамияти ҳаётан муҳим дорад. Механизми мазкур на танҳо воситаи таъминкунандаи баробарии иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақаҳо мебошад, балки кафолати татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ дар самти рушди устувори иқтисоди миллӣ ба шумор меравад.

Мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ барои иҷрои ваколатҳои худ ба манбаъҳои устувори маблағгузорӣ ниёз доранд. Вале таҷриба нишон медиҳад, ки то имрӯз дар кишвар фарқияти назаррас байни имкониятҳои молиявии буҷетҳои сатҳҳои гуногун боқӣ мондааст. Дар бисёр ҳолатҳо, буҷетҳои маҳаллӣ наметавонанд талаботи хароҷотии худро аз ҳисоби даромадҳои худӣ таъмин намоянд ва маҷбур мешаванд ба дотатсияҳо ва субвенсияҳои буҷети давлатӣ такя кунанд. Ин ҳолат аз як тараф, устувории низоми молиявиро таъмин мекунад, вале аз ҷониби дигар, сатҳи мустақилияти молиявии мақомоти маҳаллиро коҳиш дода, самаранокии идоракунии захираҳоро маҳдуд месозад. Маҳз тавассути механизми дуруст ва одилонаи тақсимоти захираҳои молиявӣ метавон шароити баробар барои рушди минтақаҳо фароҳам овард. Ҳамзамон, ин раванд имкон медиҳад, ки дар сатҳи маҳаллӣ ташаббусҳои нави иқтисодӣ дастгирӣ ёфта, манбаъҳои иловагии даромад пайдо гарданд.

Дар баробари ин, таҷрибаи солҳои охир собит месозад, ки бе ташкили низоми самараноки идоракунӣ ва назорати муносибатҳои байнибуҷетӣ, мушкилоти вобастагии зиёди буҷетҳои маҳаллӣ аз марказ, номутавозунии рушди минтақаҳо ва ноустувории молиявии ҳокимияти маҳаллӣ идома хоҳанд ёфт. Ин ҳолат метавонад таъсири манфӣ ба раванди татбиқи барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла ҳадафҳои стратегии рушди Тоҷикистон то соли 2030 расонад.

Маҳз ҳамин омилҳо зарурати таҳқиқи амиқ ва пешниҳоди роҳҳои мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, бояд усулҳои навини муайян кардани меъёрҳои тақсимоти маблағҳо, роҳҳои афзоиши манбаъҳои даромадии маҳаллӣ, баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва ҳисоботдиҳии мақомоти молиявӣ мавриди омӯзиш қарор гиранд. Илова бар ин, ҳамоҳангсозии сиёсати молиявию иқтисодӣ байни ҳукумати марказӣ ва мақомоти маҳаллӣ аҳамияти муҳим дошта, имкон медиҳад, ки манфиатҳои тамоми минтақаҳо ба таври зарурӣ таъмин карда шаванд.

Масъалаи мазкур на танҳо аҳамияти илмӣ, балки арзиши амалӣ низ дорад. Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ ба такмили тамоми низоми идоракунии давлатӣ мусоидат намуда, заминаи воқеӣ барои рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ фароҳам меорад. Ҳамин тавр, омӯзиши мавзуи мазкур дар шароити кунунии Тоҷикистон дорои аҳамияти баланди

назариявӣ ва амалӣ буда, ҷавобгӯи талаботи замон ва сиёсати молиявии давлат ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки дар бисёр шаҳру ноҳияҳо, бахусус дар минтақаҳои дурдаст ва кӯҳистон, имкониятҳои иқтисодӣ маҳдуд буда, фаъолияти соҳибкорӣ он қадар рушд накардааст. Аз ин лиҳоз, буҷетҳои онҳо бештар вобастаи дотатсия ва субвенсияҳои давлатӣ боқӣ мемонанд. Дар баробари ин, буҷетҳои маҳаллӣ дар минтақаҳои рушдёфта (масалан, шаҳрҳои калон ва марказҳои саноатӣ) нисбатан имкониятҳои бештар доранд ва метавонанд қисмати зиёди хароҷоти худро аз ҳисоби даромадҳои худӣ таъмин намоянд. Ин нобаробарӣ на танҳо ба сатҳи рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо таъсир мерасонад, балки масъалаи адолати молиявиро низ ба миён меорад.

Яке аз самтҳои муҳими такмили муносибатҳои байнибуҷетӣ ин баланд бардоштани нақши мақомоти маҳаллӣ дар ташаккули манбаъҳои даромадии худӣ мебошад. Барои ин, зарур аст, ки ҳавасмандии ҳокимияти маҳаллӣ дар рушди соҳибкорӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҷалби сармоягузорӣ афзоиш дода шавад. Ҳамзамон, бояд ба мақомоти маҳаллӣ ҳуқуқу ваколатҳои иловагӣ барои истифодаи манбаъҳои нави андозӣ ва ғайриандозӣ дода шавад, ки онҳо тавонанд қисми зиёди хароҷоти иҷтимоиро мустақилона таъмин намоянд.

Аз нуқтаи назари назариявӣ, мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки масъалаи иҷтимоӣ низ мебошад. Зеро маҳз тавассути тақсимоти дуруст ва оқилонаи захираҳо шароити баробар барои дастрасии аҳолии минтақаҳои гуногун ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, инфрасохтор, хизматрасониҳои коммуналӣ ва ғайра) фароҳам оварда мешавад.

Ҳамин тариқ, мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» на танҳо дар сатҳи илмӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ низ дорои аҳамияти фавқулода мебошад.

Омӯзиши амиқи ин масъала, таҳлили мушкилоти мавҷуда ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо барои таҳкими мустақилияти молиявии мақомоти маҳаллӣ, таъмини рушди баробари минтақаҳо ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатии молиявӣ нақши калидӣ мебозад.

Гуфтаҳои боло мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳазратзода Темурҷон Ҳазратро тасдиқ менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳод шуда**

Омӯхтан ва истифодабарии асосҳои назариявӣ ва амалии муносибатҳои байнибуҷетӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводҳои оморӣ, таҳлили истифодабарии

захираҳои молиявии маҳалҳо, муайян намудани сарчашмаҳои молиявии буҷети маҳал, таҳлили муносибатҳои иштирокчиёни сохтори буҷетӣ, тавсия ва пешниҳодҳо оиди ваколат ва ӯҳдадориҳои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ нисбат ба ҷамъоварӣ ва истифодабарии маблағҳои буҷет дараҷаи эътимоднокии кори диссертатсиониро нишон медиҳанд.

## Навгониҳои илмии таҳқиқот

Натиҷаҳои муҳими илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ҳамчун навгониҳои илмӣ баррасӣ шудаанд, аз бандҳои зерин иборат мебошанд:

– самтҳои асосии муайянкунандаи идоракунии равобити байнибуҷетӣ ва механизмҳои амалисозии он мушаххас шуда, назари муаллифӣ ҷиҳати моҳияти механизмҳои идоранамоии равобити буҷетӣ бо дарназардошти абзорҳои молиявии инкишофи соҳа дар миқёси кишвар амиқ карда шудааст;

– хусусиятҳои хоси татбиқи механизми идоракунии равобити байнибуҷетӣ баён гардида, алгоритми идоракунии равобити байнибуҷетӣ коркард ва пешниҳод гардидааст;

–таҷрибаи механизмҳои идоракунии равобити байнибуҷетӣ ҳамчун омили рушди молиявии минтақа бо дастгирии марказ дар кишварҳои ҷудогона омӯхта шуда, имконоти истифодаи он дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст;

– дар асоси таҳлили маҷмуӣ шохисҳои равобити байнибуҷетӣ муайян гардида, мақом ва аҳаммияти онҳо дар тавсеаи минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ ошкор карда шуда, зарурат ва ҳадафмандии интихоби он ба сифати объекти мустақил зимни идоракунии молияи давлатӣ асоснок карда шудааст;

– исбот карда шуд, ки трансфертҳои буҷетии аз тарафи андозҳои умумиҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳал воридшаванда ҳангоми оқилона ва ҳадафмандона истифода гаштан, метавонанд дар шаклгирии воситаҳои худии минтақаҳо мусоидат намуда, боиси вусъатёбӣ ва беҳтаршавии идоракунии равобити байнибуҷетӣ гарданд ва дар асоси таҳқиқоти илмӣ муайян карда шуд, ки такмилдиҳии низоми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ, ба мисли дилхоҳ низоми идорашаванда, бояд аз инъикоси алгоритмии раванди идоракунӣ оғоз гардида, он ҷиҳати татбиқи афзалиятҳо ҳангоми гузариш ба рушди инноватсионӣ равона карда шаванд.

## Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда

1. Андеша ва назароти амиқи муаллиф дар самти моҳият ва механизми идоракунии равобити байнибуҷетӣ бо дарназардошти абзорҳои молиявии муосир.

2. Хусусиятҳои хоси татбиқи механизми идоракунии равобити байнибуҷетӣ ва дар ин замина пешниҳод намудани алгоритми идоракунии равобити байнибуҷетӣ.

3. Таҷрибаи давлатҳои дар самти амалисозии низоми равобити байнибуҷетӣ пешсаф ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Зарурати оптимизатсия ва истфодаи самараноки трансфертҳо баҳри рушди мутавозини минтақаҳо ва тақвият додани мустақилияти молиявии онҳо тавассути рушди иқтидори андозии худӣ.

5. Модели эконометрикии арзёбии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва пешниҳоди механизмҳои муосири молиявӣ ҷиҳати татбиқи рушди инноватсионӣ дар минтақа.

Айни замон, барои рушди иқтисодии кишвар ҷиҳати таъмини рушди индустриалӣ ва инноватсионии иқтисодиёти миллӣ, мутавозинии таъмини даромаду хароҷотҳо барои ҳар як минтақа, мувозингардонии молиявӣ ва таъмини тавсеаи пойдори минтақҳо мубрамтарин масъала ҳисоб рафта, ҳалли самараноки он тавассути механизмҳои ҳамоҳангии байнибуҷетӣ, идоракунии самарабахш ва назорати сифати идоракунии ҷараёнҳои молиявӣ, ба роҳ мондани самаранокии тақсимоти захираҳо дар асоси принсипҳои таъмини адолат, самаранокӣ ва устуворӣ дар иҷрои уҳдадориҳои буҷетӣ дар ҳамаи сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ имконпазир мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Андешаҳои назариявӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда дар рушду густариши назарияи механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ саҳмгузор хоҳанд шуд.

Таҳқиқи моҳияти назариявию амалии мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ, омилҳои асосии устувори босубот ва самарабахш истифодабарии сарчашмаҳои молиявии буҷети минтақаҳо ва маҳалҳо, саҳми захираҳои молиявии ҳокимияти давлатии маҳалҳо дар рушди соҳибкории инноватсионӣ, таҳлили ҳаҷми кофии маводҳои оморӣ ва илмӣ, хулосаю пешниҳодҳо асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқотро нишон медиҳанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ**

Муқаррароти кори диссертатсионӣ барои васеъ намудани ҷанбаҳои методологӣ, методӣ ва илмии таҳқиқот дар мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ, муайян намудани мавқеъи буҷети минтақаҳо ва маҳалҳо дар рушди иқтисодию иҷтимоии вилоятҳо, шаҳрҳо ва

ноҳияҳо ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат саҳми арзанда мегузоранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳодҳои методию назариявии амалишуда дар диссертатсия овардашуда дар оянда ҳамчун пояи маълумот барои гузаронидани таҳқиқоти соҳаи молия, идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва буҷет, низоми буҷетӣ кумак мекунанд. Дар амалия бошад, хусусан, дар низоми идоракунии Вазорати молия ва сохторҳои молияи минтақавӣ барои идоракунии оқилона ва самараноки молияи давлатӣ ва маҳаллӣ кумак мерасонанд. Тавсияҳои амалию назариявӣ барои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва институтҳои муҳимми давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ муҳим арзёбӣ мегарданд. Бояд қайд намуд, ки тавсияҳои мазкур барои баланд бардоштани идоракунии самараноки молияи давлатии низоми давлатҳои рӯ ба тараққӣ, аз он ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим дорад. Як қатор натиҷаҳои назариявию методӣ ва амалиро метавон зимни таҳияи лексия ва курсҳои махсуси амалӣ, ба монанди «Молия», «Буҷет ва низоми буҷетӣ», «Идораи молияи давлатӣ», «Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ» ва ғайраҳо истифода намуд.

Ҳамчунин, хулосаю пешниҳодҳо ва дигар натиҷаҳои таҳқиқот моҳияти иҷтимоӣ дошта дар ҳалли масъалаҳои экологии маҳалҳо кумак мерасонанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 13 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 5.0 ҷ.ч нашр гардидаанд.

**Сохтор ва хаҷми диссертатсия**

Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмати асосӣ (3 боб ва 9 зербоб), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёти истифодагардида аз 215 номгӯй, 7 расм, 24 ҷадвал, 3 диаграмма иборат буда, дар маҷмӯъ 198 саҳифаи матни компютериро ташкил додааст.

**Қисмати асосии таҳқиқот**

Дар муқаддима мубрамӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, дараҷаи коркарди илмии масъала асоснок гардида, навоварии илмӣ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудааст. Дар боби якум "Асосҳои назариявӣ-методии танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ" таҳаввулоти назарияи ташаккул ва рушди танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ таҳқиқ гардида, асосҳои методии танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ таҳлил

карда, таҷриба ва консепсияҳои хориҷии танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ омӯхта шуда, имкониятҳои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Дар дисертатсия қайд мегардад, ки муносибатҳои байнибуҷетӣ таърихи тулонӣ дорад, ки бо рушди давлатдорӣ ва идораи маъмурӣ зич алоқаманд мебошад. Он бо пайдоиши аввалин низомҳои бисёрзинагии идоракунӣ, ки зарурати тақсими захираҳои молиявӣ байни сатҳҳои гуногуни ҳукумат – марказӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ба миён омад, шакл гирифт. Таҳаввулоти назарияи муносибатҳои байнибуҷетӣ моҳиятан ба таъмини назорати мутамарказ ва маблағгузории лоиҳаҳои давлатӣ, аз қабили сохтмони роҳҳо, низоми ирригатсионӣ ва эҳтиёҷоти низомӣ, аз байн бурдани номувозинатии рушди минтақаҳо ва иштироки бештари давлат дар идоракунии иқтисоди миллӣ ва ё баръакс, тамоюли ғайримарказикунонӣ ва пурзӯр кардани нақши мақомоти минтақавӣ ва маҳаллӣ нигаронида шудаанд. Ин аст, ки дар муддати дарози таърихӣ дар доираи ташаккул ва рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ маҷмуи усулҳо, фишангҳо ва воситаҳои гуногуни ташаккул коркард ва истифода мегардиданд.

Ба ақидаи унвонҷӯй таҳқиқи методологии идоракунии низоми муносибатҳои байнибуҷетӣ собит месозанд, ки ҷузъҳои асосии мукаммалгардонии он асосан аз қисматҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ иборат буда, дар заминаи аввал бояд ҳадди ақали сатҳи иҷтимоии зисту зиндагии аҳолиро (ҳадди ақали музди меҳнат, нафақаҳои давлатӣ, кумакпулиҳо, идрорпулиҳо ва ғайраҳо) дар ҳамаи минтақаҳо, новобаста аз дараҷаи рушди онҳо таъмин намояд. Зимни идоракунии низоми буҷетӣ фишангҳои баробаркунии буҷет бо истифодаи трансфертҳо ва субсидияҳо, воридшавии андозҳои минтақавӣ ва тақсимкунии даромадҳои андозӣ, банақшагирии буҷет ва қарзҳои буҷетӣ, усулҳои барномавӣ, маблағгузории лоиҳаҳои минтақавӣ аз ҳисоби сармоягузории давлатӣ, созишномаҳои байнибуҷетӣ, шарикии ҷомеа дар истифодаи маблағҳои буҷетӣ нақши муҳим дошта, ислоҳоти самарноки низоми муносибатҳои байнибуҷетӣ аз истифодаи оқилонаи онҳо вобаста аст. Лекин вазифаи таъмини самаранокии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва арзёбии он тақозо менамояд, ки саравввал таҳлили устувории буҷетҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ ҳамчун як ҷанбаи муҳимми таҳлили буҷетӣ гузаронида шавад. Он имкон медиҳад, ки заминаи рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ муайян ва танзими ҳаракати гардиши молиявии байни буҷетҳо таъмин карда шавад.

Ҳамчунин ба андешаи муаллиф таҳқиқоти асосҳои методии танзими муносибатҳои байнибучетӣ бо якчанд сабабҳо муҳим мебошад. Масалан, ҷиҳати муносибсозии тақсимбандии манобеи молиявӣ ва дигар захираҳои моддию инсонӣ на танҳо байни зинаҳои мухталифи ҳукумат (марказӣ,

минтақавӣ ва маҳаллӣ), балки дар байни соҳаҳои гуногун, ки аз маблағгузории буҷетӣ вобаста мебошад, дахл доранд. Таҳқиқоти усулҳо барои муайян кардани роҳҳои самаранокии тақсимоти захираҳо дар асоси принсипҳои таъмини адолат, самаранокӣ ва устуворӣ дар иҷрои ӯҳдадориҳои буҷетӣ дар ҳамаи сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ кумак мекунад.

Дар диссертатсия хусусиятҳои асосии муносибатҳои байнибуҷетие, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ истифода мешаванд, таҳлил гашта, ошкор карда шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ягона аз лиҳози сатҳи ғайримутамарказонидашудаи захираҳои буҷетӣ амалан аз аксар давлатҳои Осиёи Марказӣ, умуман, дар чорчӯбаи фазои ИДМ қафо намемонад, вале расман аз рӯйи меъёрҳои давлатҳои унитарӣ, мутамарказкунии ваколатҳои андозию буҷетӣ нишондиҳандаи ниҳоят баландро нигоҳ медорад. Ғайримарказонидани захираҳои буҷетӣ, умуман, маънои тақсимоти ваколатҳо, додани вазифаҳо ва вазифаҳои давлатӣ оид ба идоракунии буҷет дар асоси як низоми муттаҳид ва бо ҳам алоқаманд бо дарназардошти воқеияти мавҷуда ва истифодаи таҷрибаи хориҷӣ бояд роҳандозӣ гардад.

Дар боби дуюм “Вазъи муосири идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” асосҳои институтсионалии танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гашта, вазъи муосири идоракунӣ ва танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ дар кишвар таҳлил ва арзёбӣ шуда, сарчашмаҳо ва фишангҳои маблағгузории буҷети маҳаллии минтақаҳои сусттараққикарда муайян карда шудааст.

Дар кори дисссертатсионӣ дуруст қайд шудааст, ки равобити буҷетӣ дар дохили шохаҳои давлат ва дар доираи истифодаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд. Равобити ҳуқуқии буҷетӣ асоси танзими ҳуқуқи буҷет ҳисобида шуда, он аз равобит байни субъектҳои равобити ҳуқуқии буҷетӣ зимни шаклгирии даромадҳо ва дар амал татбиқсозии хароҷоти буҷетҳои низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарзгирии давлатӣ ва танзими қарзи давлатӣ, муносибат миёни субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии буҷетӣ, ки дар раванди тартиб ва баррасии лоиҳаҳои буҷетҳои низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тасдиқ ва иҷрои буҷетҳои ҳамаи сатҳҳои низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, назорати иҷрои онҳо, ба амал бароварани баҳисобгирии буҷетӣ, тартибдиҳӣ, баррасӣ ва тасдиқи ҳисоботи буҷетӣ ба миён меоянд, иборат мебошад.

Рушди нобаробари минтақаҳо дар кишварҳои ҳам рушдёфта ва ҳам мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, инфрасохторӣ ва демографӣ зоҳир мегардад. Ин мушкилот нисбӣ буда, бо таъсири маҷмӯи омилҳои берунӣ ва дохилӣ, аз ҷумла шароити таърихӣ, ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва глобалӣ ба вуҷуд омада, минтақаҳои рушдёфта бо мурури замон

метавонанд ба минтақаи қафомонда табдил ёбан два ё баръакс. Бтнобар ин, амалкарди хукумат тавсеаи иқтидори тавлидӣ ва молиявӣ дар манотиқ маҳсуб ёфта, чиҳати тазмини тавсеаи пойдори дарозмӯҳлати иқтисоди миллӣ ва манотиқи он бояд сафарбар гардад, то сар задани таззодҳо ва хавфҳои нав ба нав ба вучуд наоянд. Ҳамчунин, таҳқиқи усулҳо барои муайян кардани роҳҳои самараноки тақсимоти захираҳо дар асоси принсипҳои таъмини адолат, самаранокӣ ва устуворӣ дар ичрои ӯҳдадориҳои бучетӣ дар ҳамаи сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ кумак мекунад.

Таҳлилҳои унвончӯй нишон доданд, ки дар асоси тачрибаи пешқадами муосир, ҳоло барои ичро ва маблағгузории уҳдадориҳои давлатӣ ҳам аз ҳисоби захираҳои молиявии бучети маҳаллӣ ва ҳам сарчашмаҳои ғайрибучетӣ, инчунин, худмаблағгузории аҳолӣ барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатии аз ҳисоби фаъолияти самараноки иншоотҳои ичтимоӣ роҳандозӣ шуда, истифода мегардад. Барои ҳамин, пешниҳод мегардад, ки таъминоти молиявии сохторҳои давлатӣ, инчунин, дар ташаккули бучетҳои маҳаллӣ сатҳи бучетҳои чамоатҳо чудо шуда, маблағгузорӣ аз бучети давлатӣ дар мадди аввал барои таъминоти пурраи сатҳи маҳаллӣ равона гардад. Ин имконият медиҳад, ки дар умум самаранокии истифодаи маблағҳои бучетӣ аз ҳисоби равона намудани онҳо ба маблағгузории соҳаҳо ва объектҳои муҳимми маҳаллӣ ва инчунин, самараи мултипликативиро дошта, бо дарназардошти таъминоти иловагӣ аз сарчашмаҳои ғайрибучетӣ, алалхусус чалби маблағҳои аҳолии маҳаллӣ ва муҳочирони бурунмарзӣ барои рушди иншоотҳои ичтимоӣ, ба монанди мактабу бунгоҳҳои тиббӣ, кӯдакистонҳо, мумфаршкунии роҳҳои маҳаллӣ ва ғайра афзун гардад.

Мақомоти ҳокимияти давлатии маҳалҳо бо истифодаи захираҳои молиявии бучети маҳаллӣ, чалби сармоя, бахусус сармояи мустақим ва хоричӣ барои бунёди чойҳои кории нав ва рушди соҳибкорӣ тавсияҳои зерин дар саҳ.123 пешниҳод шудаанд:

- Таҳлили динамикаи рушд ё коҳишёбии фаъолияти соҳибкорони хурду миёна, бо дарназардошти тақсимбандии соҳавӣ ва иштироки занону чавонон дар фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин арзёбии ҳиссаи соҳибкорон дар ҳачми мачмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳияҳо;
- Истифодаи самараноки воситаҳои дастгирӣ ва ҳавасмандсозии соҳибкорон бо мақсади ташкили корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ ва чалби сармояи мустақим, аз чумла сармояи хоричӣ;
- Ташкили курсҳои омӯзишӣ чиҳати баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва малакаи соҳибкорон, такмили сифати таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тичоратӣ, инчунин беҳтарсозии низоми дастгирии соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ;

- Беҳтар намудани дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ ва таҳлили ҳаҷми маблағҳои ҷудошуда аз ҷониби ташкилотҳои қарздиҳанда;
- Ҷалби сармоя ва рушди инфрасохтор барои дастгирии минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва содиротӣ
- Дар боби сеюм "Роҳҳои такмили идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар шароити муосир" Самтҳои асосии мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ, консепсияи ягонаи ҳадафҳо, принсипҳо ва амалҳо барои рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ ва Дурнамои рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки масъалаи дастгирии молиявии буҷети маҳалҳо ва босамар истифоданамоии он муҳимтарин вазифа дар самти ислоҳоти равобити байнибуҷетӣ маҳсуб меёбад, ки дар ин низом ҷоринамоии принсипҳои расонидани кумаки объективии молиявӣ ва вижагиҳои таҳриккунандаи дастгирии молиявӣ нақши калидиро иҷро менамоянд. Ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф, роҳандозии кумакҳои молиявӣ ба минтақаҳо бо дарназардошти шохисҳои даромадҳои иқтидори андозӣ ва нишон додани хароҷоти маъмурӣ муҳим арзёбӣ мегардад, зеро истифода аз шохисҳои аслӣ, коҳишёбии таҳрики манфиро аз фаъолияти мақомотҳои ҳокимиятҳои дар маҳалҳо қарордошта дар асоси коҳиши асоснокнабудаи иқтидори андозӣ ва болоравии хароҷоти буҷетҳоро ба бор меоварад. Аз ин рӯ, дар марҳилаи дарозмуҳлат ва дар сатҳи миллӣ мукаммалнамоии усули тақсимнамоии кумаки молиявӣ ҷиҳати мувозиннамоии дараҷаи таъмини буҷети маҳал мубрам арзёбӣ гардида, пойгоҳи онро бояд чораҳои зерин ташаккул диҳад:

- аз тарафи қонунгузорӣ муқаррар кардани меъёри хизматрасониҳои буҷетӣ ва меъёри ҳадди ақал барои хароҷоти молиявӣ ҷиҳати пешниҳоди онҳо баҳри тақсимнамоии кумакпулиҳо барои мувозиннамоии таъминоти буҷет ва пешниҳоди хизматрасониҳо дар доираи ҳадди ақалли меъёрҳои муқарраршуда;
- ҳавасмандгардонии буҷетҳои маҳал барои расидан ба натиҷаҳои мусбии иқтисодӣ – иҷтимоӣ;
- дар санадҳои қонунгузорӣ – ҳуқуқӣ принсипҳои баробарии равобити байнибуҷетиро ба таври дақиқ муайян кардан.

Дар асоси натиҷаи таҳқиқот муаллиф як қатор муаммоҳо дар низоми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетии вилояти Хатлон ва ВМКБ – ро, ҳамчун минтақаҳои нисбатан қафомонда аз вилояти Суғду шаҳри Душанбе, ошкор намуда, оид ба зарурати мукаммалгардонии механизми идоракунии

муносибатҳои байнибуҷетӣ, ки дар минтақа амал мекунанд, пешниҳодҳоро манзур намудааст. Таҳқиқоти муфассали низоми равобити байнибуҷетӣ ба муаллиф имкон фароҳам овард, то объект ва субъект, муҳити беруна ва воситаҳои идоракунии низоми муносибатҳои байнибуҷетиро коркард ва пешниҳод намояд. (расми 3.1, саҳ.141)

Дар фароварди диссертатсия хулосаю тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

**Камбудию норасогиҳо**

1. Дар зербанди 2, боби якум, ки «Асосҳои методии танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ» ном дорад бештар сухан дар бораи вазифаҳои байнибуҷетӣ, усулҳои идоракунӣ ва барномаҳо меравад. Ба асосҳои методии методии танзим муаллиф камтар таваҷӯҳ кардааст.
2. Ба андешаи муқарриз зербанди 1 боби дуюм «Асосҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва институтсионалии танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ мешуд, хуб мебуд. Боз хубтараш агар «Асосҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ дар зербанди алоҳида пешниҳод мешуд, мувофиқи мақсад буд, чунки мукаммалгардонии муносибатҳои байнибуҷетӣ бештар ҷиҳати меъёрӣ ва ҳуқуқӣ доранд.
3. Дар бисёр саҳифаҳо (саҳ. 109) ноҳияҳое, ки дараҷаи нишондиҳандаҳои онҳо аз андозаи миёнаи ҷумҳуриявӣ то 50% пасттар мебошад номбар шудаанд. Аммо дар таҳлил сабабҳои чунин ҳолат аниқ муайян нашудааст. Чаро ин ноҳияҳо дар чунин ҳолат қарор доранд. Дар ин ҷо ноадолатии ичтимоӣ ва иқтисодӣ дида мешавад. Савол ба миён меояд, ки ҳукумати марказӣ ва ҳокимияти давлатии маҳалҳо чӣ чораҳоро бояд биандешанд?
4. Дар ҷадвалҳо ва матни диссертатсия ҳаҷми дотатсия ва субвенсияҳо ба ноҳияҳо доимо афзоиш ёфта истодааст. Магар ин дуруст аст? Чаро ҳокимияти давлатии маҳалҳо барои коҳиш додани ҳаҷми дотатсияю субвенсияҳоро аз буҷети давлатӣ чораҳо намеандешанд. Ин масъаларо бояд унвонҷӯ таҳлилу таҳқиқ мекард.
5. Дар диссертатсия таҷрибаи ноҳияҳое, ки солҳои пешин дотатсия ва субвенсия мегирифтанду дар солҳои охир ба ноҳияҳои донор мубаддал гардидаанд таҳқиқ нашудааст. Ин масъала бояд баррасӣ мешуд ва таҷрибаи чунин ноҳияҳо мавриди омӯзиш қарор мегирифт.
6. Ҷадвали 2.2. дар саҳ.91-92 «Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ – молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023» ном дорад. Аммо дар ҷадвал динамика муайян нашудааст. Ҳамин норасогии методӣ дар баъзе ҷадвалҳои дигар ҳам дида мешавад.

Эроду дархостҳои болозикр сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Ҳазратзода Т.Ҳ. – ро коҳиш намедиҳанд, чунки баъзе эродҳо баҳсталаб, дигараш тавсиявӣ мебошад.

Дар умум, диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои Низомномаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Хулоса**

Диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ, тавсияҳои методию амалӣ дошта, мустақилияти муаллифро дар масъалаҳои ҳалли мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилоти дар ин бахш ҷойдоштаро тавсия менамояд.

Автореферат ва мақолаҳои илмии нашршуда мазмуни асосии таҳқиқоти иҷрошударо дар худ инъикос намудаанд.

Аз нигоҳи мазмун, мундариҷа ва баён диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмию тахассусӣ буда, дар он ҳалли масъалаҳои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ доро аст, ба талаботи Низомномаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат сазовори гирифтани дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори
кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Султонов З.С.

Суроға: ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 30.
Почтаи электронӣ: sulton@mail.ru
Тел: (992) 37221-35-50

Имзои профессор З.Султоновро
Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо Раҳимов А.А.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ